# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаънoии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.

Пажӯҳиш ва баррасии масоили наҳви забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои муҳимми дастури забони адабии муосири тоҷикӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд таҳқиқи бахши наҳв диққати муҳаққиқонро дар муқоиса бо дигар бахшҳои забоншиносӣ бештар ҷалб карда бошад ҳам, то ҳол масълаҳои зиёди пужущишнашудаи ин бахши забоншиносӣ мавҷуданд. Яке аз ин масъалащом умдае, ки то ҳол мавриди пажуҳиши забоншиносии тоҷик қарор нагирифта буд, сермаънoии ҷумлаи пайрав мебошад.

Дар забоншиносии тоҷик ҳодисаи сермаъноӣ дар бахши луғатшиносӣ мавриди таҳлилу баррасии забоншинос қарор гирифта аст, аммо дар бахши синтаксис ба истиснои мақолаҳои ҷудогона таҳқиқи мукаммал нашудааст. Биноан, диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаънoии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ», яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносии муосири тоҷик ба шумор рафта, пажуҳиши он барои илми забоншиносии тоҷик саривақтӣ мебошад.

Дар мавриди робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмии амалкунанда бояд таъкид намуд, ки таҳқиқи диссертатсионӣ мутобиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраҳои соҳавӣ, махсусан ба нақшаҳои илмии кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти пажуҳиши ҷумлаҳои мураккаб марбут аст.

Таҳқиқи диссертатсияи Абдураҳмонова М. зери унвони «Сермаънoии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисиси 10.02.01– Забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқи Абдураҳмонова М. А. таҳти унвони «Сермаънoии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» аз он

иборат аст, ки он дар самти таҳлилу омӯзиши сермаъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони муосири тоҷикӣ пажуҳиши аввалин буда, то ба ин даврон сермаъноии ҷумлаҳои пайрав бо назардошти хусусиятҳои луғавию маъноӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар алоқамандӣ бо ин таҳлили маводи фаровон барои муайян кардани роҳу воситаҳои сермаъношавӣ ва семантикаи ташаккули ҷумлаҳои пайрав, омӯзиши масъалаҳои назарӣ ва амалии наҳви забони муосири тоҷикӣ арзиши айнизамонӣ дорад.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ дар он дида мешавад, ки он бо доираи мавзуъ ва масоили пажуҳишии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 - Забони тоҷикӣ бапуррагӣ мувофиқат дорад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ дар баррасии илмии мавзуи мубрам ва дорои арзиши илмӣ, ҳамчунин дар ҷамъоварии маводи таҳқиқ ва коркарду баррасии он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани маърузаҳо ва интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ ифода ёфта, ҳамчун заҳмати чандсолаи муаллиф дар шакли диссертатсия ба анҷом расидааст.

Сохтори диссертатсияи мавриди баррасӣ аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсияи худ Абдураҳмонова М.А. масоили мубрамии мавзуъ, аҳаммияти таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, манбаъҳои таҳқиқ, арзиши назарию амалии таҳқиқ, асосҳои назарию методологии таҳқиқ, равишҳои илмии таҳқиқ, нукоти асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври асоснок пешниҳод намудааст.

Дар **боби якуми** диссертатсия таҳти унвони « Масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик» унвон дошта, дар фаслҳои ҷудогона ва мантиқан пайпарпай давраҳои омӯзиши сермаъноии ҷумлаҳои пайрав мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Зимни таҳлил

унвонҷӯй ба манобеи боэътимод такя менамояд ва мисолу далелҳои ҷолибу устувор меорад, ки қобили таъкиди махсус аст.

Дар **боби дуюми** диссертатсия, ки «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва дар забони адабии тоҷикӣ» унвон дорад, ҷумлаи пайрави муайянкунанда, пуркунанда, мубтадо, хабар ва тобишҳои он таҳқиқ гардидааст.

Дар **боби сеюми** диссертатсия бо номи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва» фарогири масъалаҳои омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол буда, дар фаслҳои ҷудогона анвои ҷумлаҳои пайрави ҳол ва тобишҳои маъноии он басо бамаврид ва нуктасанҷона таҳлилу баррасӣ менамояд.

**Хулосаи** таҳқиқ ба таври мушаххас матраҳ гардида, нуктаҳои муҳим дар 22 банд пешниҳод шудаанд, ки басо арзишманд аст. Ҳамзамон дар анҷоми хулоса тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 8банд оварда шудаанд, ки моҳиятан арзиши баланди илмӣ доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдураҳмонова М. дар асоси пажуҳиш муайян кардааст, ки вобаста ба хусусиятҳои фикрронии мантиқӣ омилҳои сермаъношавӣ дар навъҳои ҷумлаҳои пайрав гуногунанд. Сермаъношавии ҷумлаҳои пайрав вобаста ба робитаи мантиқии сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, муносибатҳои сабабу натиҷагӣ, замонӣ, шартӣ, хилофӣ, муайянкунандагӣ дар хелҳои ҷудогонаи ҷумлаҳои пайрав аз ҳам фарқ мекунанд.

Муҳаққиқ дар автореферат роҷеъ ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ва тобишҳои он мисолҳои зиёдеро таҳлил карда, барои тасдиқи андешааш аз нақша (расм) низ истифода кардааст.

Дар диссертатсия ва автореферат ҳамчунин тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав аз ҷиҳати басомад муайян карда шудааст. Банди 7-уми хулосаи автореферат андешаи моро тасдиқ мекунад.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ аз он бармеояд, ки омӯзиши сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дорои аҳаммияти муайяни назарӣ буда, барои ҳалли муаммоҳои ҳанӯз дар ин риштаи илмӣ мавҷуд беш аз ҳарвақта мусоидат

хоҳад намуд. Ҳамзамон таҳқиқи ҷумлаҳои пайрав дар забони тоҷикӣ барои муайянсозии нақши ҷумлаҳо дар муассирии нутқ муҳим аст

Арзиши корбурдиву амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки мавод ва масоили назарии кор дар навиштани корҳои марбут ба наҳв, грамматикаи забони тоҷикӣ, таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ барои макотиби олӣ ва миёнаи касбии кишвар метавонад мусоидат намояд. Хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ метавонанд ҳамчун замина ва асоси назарӣ барои омӯзиши минбаъдаи сермаъношавии воҳидҳои забон ва маводи ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳлили он барои истифода дар гуфтор ва наиштор мусоидат намуда, бахусус ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, гузаронидани машғулиятҳои амалӣ оид ба морфология ва синтаксис барои тайёр намудани мутахассисони забоншинос арзишманд муаррифӣ мешавад.

Автореферати диссертатсияи Абдураҳмонова М.А.тибқи талабот таҳия шудааст, вале дар баробари ин баъзе нуқоте дар он ба назар мерасанд, ки ба такмилу ислоҳ зарурат доранд:

1.Дар банди «Сарчашмаҳои таҳқиқ» зимни овардани таълифоти Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ ва Сотим Улуғзода тартиби ҷойгиркунӣ вобаста ба чопи асар риоя нашудааст (с. 9).

2.Барои муайян кардани мақоми нависандагон дар сермаъноии ҷумлаи пайрав ду асари нависандаи ҷудогона аз ҷиҳати оморӣ баррасӣ мегардид, хубтар мешуд.

Камбудиҳои зикргардида қиммати илмии авторефератро коҳиш дода наметавонад ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор буда метавонад.

Мазмун ва мундариҷаи автореферат муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад ва он тибқи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

**Хулоса**, автореферати диссертатсияи Абдураҳмонова М.А. бо номи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ», ки барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, пажуҳиши илмии анҷомшуда аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Ҷумъахон Алимӣ

**Нишонӣ:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб,, кӯчаи С.Сафаров -16.
Тел.: (+992)918112662
E-mail: alimi370@mail.ru

**Нишонии муассиса:** 735360, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров-16.
Тел: (+992) 83322 2-35-06. E-mail: www. kgu.tj

Сардори РК ва КМ-и Донишгоҳи
Давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

«25» сентябри соли 2025